**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: 8 точик-ф +8 точик**

**АБДУЛЛОЕВ А.**[1]

# БОЗТОБИ РАСМУ ОДАТҲОИ АЗОДОРӢ ДАР АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур масъалаи маросими мотам ва тасвири он дар афсонаҳои тоҷикиро, ки яке аз ҷанбаҳои асосии ҳаёти иҷтимоии мардум мебошад, дар бар гирифтааст. Бо сабаби он ки аксари афсонаҳо тахаюлӣ ва орзуи мардуми одӣ асту дар охир комёбиҳои қаҳрамононро ифода менамоянд, лаҳзаҳои мотам ва азодориро камтар инъикос намудаанд. Аммо бо вуҷуди он, чун мотам низ як паҳлуи ҳаёти ҷомеа аст, мо то қадри имкон мавқеи онро тавассути ин мақола дар афсонаҳои тоҷикӣ муайян намудем.

**Калидвожаҳо:** Афсона, тоҷикӣ, маросим, мотам, мардум, азодорӣ, ифода, мавод.

Ҳар як халқу миллат соҳиби расму оин ва маросимҳое мебошад, ки онҳо муддати қарнҳо дар натиҷаи ивазшавии сохторҳои таърихӣ-ҷамъиятӣ бо ҳамдигар омезиш ёфта, шакл гирифтаанд. Зеро ҳаёт тараққӣ мекунад, зиндагӣ бо мурури замон пеш меравад ва дар баробари он расму оинҳо ва маросимҳои гуногун низ ба вуҷуд меоянд.

Дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсонӣ ҷашну маросим ва расму оинҳо возеҳ ба назар мерасанд. Хусусан дар соҳаи фолклоршиносӣ ин чиз ба таври пурра дида мешавад, чунки фолклор худ маҳсули тахайюлу ақида нисбати зиндагии воқеии инсон аст.

Тавре, ки Д. Раҳимов дар китоби хеш «Фолклори тоҷик» қайд намудааст: Калимаи «маросим» аслан арабӣ буда, маънои расму ойин, ақидаву одатро дорад. Аммо ҳамчун истилоҳ, маросим маҷмӯи амалиёти анъанавию рамзии таърихан ва мувофиқи зарурати мардум ба вуҷудомада мебошад, ки бо қувваҳои фавқуттабиӣ ва устураҳои бостонӣ марбут буда бо мақсадҳои гуногун иҷро мегардад» [8: 167].

Тамоми паҳлуҳои фолклорро бидуни расму оин ва дигар анъанаҳои мардумӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мувофиқи мушоҳидаҳо маълум аст, ки дар гузашта тамоми анвои фаъолияти инсонӣ дар раванди расму оинҳои мардумӣ мегузаштааст. Матнҳои фолклорӣ низ ҳангоми иҷрои маросимҳо иҷро мешуд ва ё баён мегардид. Яке аз маросимҳое, ки аз замонҳои қадим дар байни мардум роиҷ аст, маросими мотам мебошад.

Маросими мотам нисбат ба дигар маросимҳои оилавӣ хеле устувор буда, бисёр тасаввурот ва расму оинҳои қадимаро дар таркиби худ ҷой дода, онҳоро бо тағйиротҳои каму беш то замони мо оварда расонидааст.

Мавзӯи маргу мотам дар илми мардумшиносии халқҳои Осиёи Миёна пурра омӯхта нашудааст. Дар солҳои охир мавзӯи мазкур дар тадқиқотҳои баъзе олимони тоҷик аз қабили А. Мардонова, О. Муродов, М. Раҳимов ва дигарон каму беш дарҷ ёфта бошад ҳам, онҳо аз мақолаҳои хурд ва пароканда иборатанд. А. Мардонова мақолаеро бо номи «Баъзе лаҳзаҳои маросими мотам дар фолклори тоҷик» таълиф намуда, дар хусуси маргу мотам чунин ибрози ақида намудааст: «Марг як ҳодисаи табиӣ бошад ҳам, як умр ҷудо шудан аз фарзанди ҷигарбанд, падару модар, дӯсти ҷонӣ ва хешу табор ниҳоят аламнок мебошад. Аз ҳамин сабаб марг ва маросими мотам дар давоми асрҳо дар байни халқҳои гуногун як силсила расму оинҳо ва фолклори хоси маросимиро ба вуҷуд оварда буданд» [6: 8-9].

[1] Адрес для корреспонденции: **Абдуллоев Акобир** - – соискатель Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 907122213.

Дар фолклори маросимҳои азодорӣ як қатор образҳои ҳаётӣ ва асотирию динӣ вомехӯранд. Аз ҷумла симои зану мард, ҷавону солхӯрдаҳои бармаҳал вафоткарда мебошанд, ки дар байни онҳо образи ҷавонмаргшудагони ноком барҷастатар ифода ёфтаанд, ки онҳо ҳамчун шахси беозор, ғамхори падару модар, меҳнатдӯст ва аз зиндагӣ ноком тасвир карда мешуданд. Образҳои динии фолклорӣ - Худои ҷаббор, Азроили ҷонгир, марги муфоҷот, мункару накир ва қиёмат низ амал мекунанд, ки онҳо бо ҳисси норозигию нафрат офарида шудаанд.

Дар ин мақола ба таври мухтасар масъалаи мавқеи маросими мотам дар афсонаҳои тоҷикӣ мавриди баҳс қарор дода мешавад, чунки омӯхтани ин мавзӯъ дар ҳалли масъалаи алоқамандии афсона бо ҳаёти воқеӣ дар шароити имрӯза аз аҳамият холӣ нест.

Дар афсона барин жанри бузург истифода шудани маросими мотам ва ба мазмуну мундариҷаи афсона мувофиқат кардани он ҳодисаи ғайриоддист. Агар мундариҷаи маросими тӯй аз шодию сурур, нағмаю усул, рақсу бозӣ ва шӯхию аскиягӯӣ иборат бошад, маросими мотам, баръакси он, ғаму андӯҳ, оҳу нола, гиряву фиғони мусибатдоронро дар бар мегирад, ки онро «рӯзи сиёҳ» ё «мусибат» меноманд. Аз ин лиҳоз афсонагӯён мавзӯи мотамро дар афсонаҳои хеш хеле кам ҷой медоданд. Онҳо намехостанд, ки бо афсонаи нақлкардаашон шунавандаро нороҳат созанд ва диққати онҳоро бештар ба маргу мотам равона кунанд, зеро зиндагии онҳо бе ин ҳама худ пур аз азобу машаққат буд.

Р. Амонов дар китоби пурарзиши худ «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» ба ин ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода, чунин хулосабарорӣ кардааст: «Дар афсонаҳо назар ба маросими тӯй унсурҳои маросими мотам хеле кам акс шудааст. Танҳо дар баъзе афсонаҳо осори хираи маросими мотамро мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз рӯи он, албатта, дар бораи ин маросим тасаввуроти амиқ пайдо кардан мушкил аст». Ҳамчунин барои исботи фикри худ порчаеро аз «Мирзокарам» ном афсона мисол овардааст, ки дар он нишонаҳои маросими мотам рушан ба назар намерасад: «Мирзокарам «барори кортон, ҳазрати Хуҷа назар къна» - гуфта рафтан гъръфт. Боз чанқа рои дига рафт, мурда бъдай. Э аму ҷада гъряву нолаи бъсёр бъдай. И рост дари хона қатӣ «барори кортон, ҳазрати Хуҷа назар къна» - гуфта мегъзашт. Соибои хона гуфтанъш, ки:

-Барои чӣ ихели мегуй?

Гуфт:

-Алла чӣ бъгум, охӣ!

Гуфтанъш:

Бъгу, ки «мурдаҳои гъзаштаро хъдо раҳмат къна» [1-185].

Аз мазмуни афсонаи зерин маълум мегардад, ки дар он танҳо макони шахсони азодор зикр шудаасту халос. Дар ин афсона дигар урфу одатҳои маросими азодорӣ тамоман ҷой дода нашудааст. Ё ин ки дар афсонаи «Зани пок» низ чунин ҳолат ба назар мерасад: «Шаб ғулом хеста омада сари бачаи соҳиби хонаяр дар гавора бурида, бурда дар таги курпаи ҳамун занак монд. Баъд худаш рафта хоб кард. Соҳиби хона ҳамин як бача дошту тамом. Ҳар шаб бача ду-се бор аз хоб бедор шуда сина мемакид, ин шаб ҳеҷ бедор нашуд.

Зани соҳиби хона саҳарӣ хеста дид, ки кали бачаш нест. Оҳу нола карда, шавҳарша бедор кард. Хеста кофтан, ки калли бача дар қабати ҷои хоби ҳамун занак мондагӣ. Калли буридагия дида доду вой кардан. [5]

Гуянда ё ровиёни афсонаҳо сари ин масъалае, ки баъд аз мурдани кӯдак падару модар чи гуна ин маросимро мегузарониданд дигар ишорае наовардаанд.

Бамаврид аст ин ҷо ба ёд биёрем, ки маросими мотам дар дигар жанрҳои фолклор низ ба назар мерасад. Адабиётшиноси тоҷик В. Охониёзов дар мақолаи худ «Рубоӣ ва маросими мотам» чунин навиштаст: «Рубоиҳое, ки дар маросими мотам, чун суруди фалак иҷро мешаванд, асосан, аз номи занон гуфта шуда, дар онҳо модар, хоҳар ё ҳамсари марҳум чун қаҳрамони лирикӣ баромад мекунад. Онҳо тавассути рубоиёт аз тақдири бадфарҷом нолида, аз шахси азизи худ ҷудо гаштанашонро бо сӯзу гудози

[5] Ф.Ф.Х. Панҷрӯд, 1956, гӯянда: Латифов З, навиштагиранда: Холов М. №7269-7282.

бепоён изҳор мекунанд. Чунончи, дар рубоии зерин зане аз ҷаври фалак нолида, рӯзи сиёҳи ба сараш омадаро чунин тасвир кардааст:

Имсол фалак ба мо чи дилсӯзӣ кард?
Шодира буриду ғам ба мо рӯзӣ кард.
Медӯхт либоси мардумира ба сафед,
Навбат, ки ба мо расид сияҳдӯзӣ кард [7: 193].

Ин гуна фалакиҳои ғамангез ва марсия хондан дар вақти ҷаноза дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон ба чашм мерасад. Дар рӯзи ҷаноза мардум либосҳои махсуси азодорӣ, ки хоси мардуми маҳалашон аст, ба бар мекунанд ва баъди ҷаноза аз як ҳафта сар карда баъзеҳо то сари сол мотам мегиранду суннатҳои миллиашонро ба ҷо меоранд. Масалан, дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, дар хонае, ки шахси ҷавони синнаш аз 15 то 40-сола ба ҳалокат расида бошад, дар он хона истифода бурдани ҳар гуна техникаҳои маишӣ, аз ҷумлаи телевизор, магнитафон, радио ва аз қабили инҳо манъ карда мешавад, ҳатто дар он хона баланд хандиданро раво намебинанд. Ақида доранд, ки арвоҳи гузашта аз ин чиз норизо мешавад ва агар ҳамин гуна қоидаҳоро риоя накунанд, арвоҳи маит аз ин хона қаҳр мекунад.

…Вале чунин хусусиятҳои азодорӣ дар афсонаҳо мушоҳида карда намешавад. Ҳатто дар ҳамон мавридҳое, ки ба нест шуда рафтани фарзанд ё аз тарафи девҳо кушта шудани онҳо ва бо баъзе ҳодисаҳои табиӣ аз байн рафтани шахсони назикашон чунин амалҳоро ба мисле, ки мотам гиранду оҳу нола кунанд ё касеро ба ҷанозахонӣ даъват кунанд ба назар намерасад. Дар афсонаҳо, баъзе ҳолатҳое мешавад, ки модар ё писар барои шахси наздиктаринашон, ки аз дунё гузаштааст ақалан як ё ду руз ҳам мотам намегиранд.

Масалан, дар афсонаи «Деви ҳафтсар» чунин зикр шудааст: «…Дев аз ҷояш хеста, ин панҷ нафар бародаронро кала карда хӯрд.

Кампирак бо бачаи дувоздаҳсолааш ба ҳамон дураҳагӣ расида омаданд, ба тарафи дасти чап гашта рафтан гирифтанд. Нигоҳ карданд, ки аз дур як дуди сиёҳи борик мебарояд. Ба ҳамон манзил омада расиданд. Салом карда даромаданд, диданд, ки як дев шиштааст, ҳафт сар дорад:

Дев аз ҷояш хеста, инҳоро қапида хӯрданӣ шуд. Некисара бачаи дувоздаҳсола тан надода, аз бағали дев маҳкам қапид. Дев мезанад, бача мезанад, ҳардуяшон ҳафт шабу ҳафт рӯз зану барзан карданд. Охир девро зада кушту даҳони як чуқуриро кушода мурдаи девро партофта дид, ки панҷ калаи бетана хоб рафтааст.

Бача гуфт, ки:

- Оббо, оча, дидӣ ки акоҳоям ҳам ба ҳаминҷо омада будаанд, ин дев вайҳоро ҳам кушта будааст» [2: 209-210].

Вале ба назар чунин мерасад, ки кампир ҳатто барои панҷ фазанде, ки аз дасти деви ҳафтсар кушта шудааст афсус намехӯрад, мисле ки чизе нашудааст на ба фикри мотам меафтаду на либоси азодориро ба бар мекунад. Бародари хурдии дувоздаҳсола ҳам айнан хамин тавр, ҳатто як қатра ашк аз чашмонаш ҷорӣ намешавад. Ба ҷуз як калимаи афсус хӯрдани «оббо».

Сабаби мавзӯи афсонаҳо қарор нагирифтани мотам пеш аз ҳама дар он аст, ки ба афсонаҳо пессимизм (руҳафтодагӣ) хос нест. Зеро қариб, ки ҳамаи афсонаҳо бо хушу хурсандӣ тамом мешаванд, қаҳрамонҳои афсона бо вуҷуди аз сар гузаронидани азобу уқубатҳои зиёд ба муроду мақсад мерасанд ва ноумед гардидани онҳо хеле кам ба назар мерасад.

Масалан дар афсонаи «Аҷали ҳирсу ҳасуд» чунин зикр гардидааст: Ҳамин саҳар бо корди ҳамсоя маро мекушию мурдаамро ба кунҷи ҳавлии ӯ бурда мепартоӣ…

-Агар ба гапи ман надароӣ, ман туро ба дасти худам мекушам.

Ғуломро чорае набуд. Гуфтаи хӯҷаинашро кард. Пагоҳӣ мурдаи ӯро дар кунҷи ҳавлии ҳамсоя ёфтанд. Ғулом доду фарёд бардошта, гуфт, ки ҳамсоя ба хӯҷаинаш қасд дошт, гапашон гурехта буд, интиқом гирифт.

Хуллас, ба ӯ бовар кардандu ҳамсояро дошта, бурда ба зиндон партофтанд.

Ғулом озод шуд ва зану ҳавлию хонаи хӯҷаинашро соҳибӣ кард» [5: 307].

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар аксарияти афсонаҳо маросими мотам дида намешавад. Шояд сабаб дар он бошад, ки бештари афсонаҳо пеш аз зуҳури дини ислом ба вуҷуд омадаанд. Барои ҳамин онҳо бо хурофотҳои динӣ олуда нашудаанд.

«Чи андозае, ки ҷамъият пеш мерафт ва тараққӣ мекард, мувофиқи талаботи замон дар шаклу мазмуни расму оинҳо ва фолклори маросимӣ ҳам тағйиротҳои муайяне ба вуҷуд меомаданд. Маросими марг, дафн ва мотам дар зиндагии ҳамаи халқҳо рӯзи сиёҳ ва сахттарин буда, онҳо дар ҳаёту эҷодиёти тоҷикон ҳам мақоми хос ва таъсири муайяне доштанд» [6: 17].

Асосан дар таркиби маросими мотам дар асл бисёр расму одатҳои миллӣ ва маъракавии тоҷикон аз давраҳои қадим тағйиру такмил ёфта, то ба замони мо омада расидаанд. Чунончи худро азоб дода гиристан, рӯйканию мӯйканӣ кардан, ба рӯй сиёҳӣ молида, гесу буридан, дар гирди тобут ҳалқа баста, суруд хондану рақс кардан, шамъ гирондан ва ғайра. Ҳамаи ин унсурҳои мотам барои омӯхтан ва равшан кардани ақидаву тасаввуроти одамон оид ба ҳаёт, чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони ҳозира, албатта, аҳамияти калони илмӣ дорад. Аммо набояд фаромӯш сохт, ки ҳамаи ин одатҳо кӯҳнаю хурофот буда, танҳо бар зарари инсон равона карда шудаанду халос.

Асосан маросими дафну мотам осори як силсила расму одат, ақидаву тасаввуротҳои динии қадимии тоисломӣ ва тасаввуроти куҳнашудаву аз байнрафтаи дини исломро оид ба ҳаёту мамот, ҷамъият ва табиат, ин дунё ва он дунёро нигоҳ дошта омада буд.

Ба ҳамин равияву андешаҳо монанд хурофотҳои динӣ ва камзеҳнии мардум дар қаҳрамонҳои афсонаҳо дида мешавад. Аз ҷумла дар афсонаи «Булбули саргашта» чунин нақл шудааст:

…- Раву ар ра гашта биёю «ҳамун писарата кушта хӯрӣ, дуруст мешӣ», мегӯд фолбин, гӯ.

Хизматгоро мерӯду ат таги дар гашта мибиёд. Вай гашта мибиёду пошова мегӯд, ки - шумоя як писару як духтаратон будас. Ҳамун писаратона кушта тед, занатон нағз мешудас, мегӯд.

Пошо ноилоҷ гапи занаш қатӣ писараша микушаду шӯрбо када занашба митияд. Сонӣ хоҳараш гира када мишинад, ки «акема куштан» гуфта.

Иноя якта кампир ҳамсоешон буд. Мибиёд, ки духтар гира када шиштаст. Кампир:

- Чува гира када шиштӣ? - гуфта ад духтар мипурсад. Духтар мегӯд, ки:

-Акема кушта, шӯрбо када хӯрсен.

Кампир мегӯд, ки:

- Э қизим, гира накун, ваё шӯрбо када хӯран, ту ҳеҷ нахӯр, устухонаша чинда як кадучава андозу шохи дарахтба авез. . . [13: 32].

Бояд қайд кард, ки дар баробари дигар шудани сохти ҷамъияти инсонӣ, рушду инкишоф ёфтани шуури одамон, тараққиёти илму техника, инчунин аз тарафи инсон дуруст дарк намудани ҳодисаҳои табиат бештарини урфу одатҳои тоисломӣ аз байн рафтанд, қисми дигарашон суфта шуда, шаклашонро дигар карда, дар зиндагӣ ва тасаввуроти мардум ҳамчун «одати расмӣ» дар зери пардаи ислом боқӣ монда буданд.

Маросими мурда, мотам ва дафни тоҷикон решаҳои чуқур ва ҷиҳатҳои ба худ хос доштанд. Ин маросимҳо бо як қатор урфу одатҳои қадимаи тоисломӣ ва бо расму оинҳои исломиаш давом карда меоянд. Чунонки дида мешавад, ин ҳодисаи таърихӣ буда, ба анъанае табдил ёфтааст, вале дар фолклор ин ҳодиса тадриҷан мавқеи устувор пайдо карда, вобаста ба хусусияти асарҳои халқӣ такмил ва инкишоф ёфтааст.

Масалан, дар афсонаи «Ду рафиқ» баъзе нишонаҳои маросими мотам дида мешавад: Бачаҳо ба ҷониби як қишлоқ равона шудан. Як чашмаи об пешашонба вохӯрд. Ҳамунҷа бачаҳо шишта об хӯрдан. Дута аёл омадан сатил ба дасташон. Бачаҳо пурсидан, ки: «чиба либосои шумо кабут?» занако ҷавоб додан, ки: «ҳамин рӯз дар шаҳри моён як аждаҳо пайдо шудас. Духтари подшоя рӯзи хӯрданаш. Ҳаминба либосои ҳамми моҳон кабут» [12: 7324-7334].

Ба ҳамин маънӣ дар афсонаи «Қирғинчапаҳлавон» ҷиҳати дигари чунин амалро мушоҳида кардан мумкин аст: Бародарони калонӣ молу мулки Қирғинчапаҳлавонро

оварда ба шаҳри падарашон расидан. Ва хостан, ки Моҳитобона ба подшо ба занӣ тиян. Подшо хурсанд шуда чан шабу чан рӯз тӯй пеш гирифт. Моҳитобон қабул накарда гуфт:

-Ман чил рӯз барои мурдани шавҳарам ида мепоям баъди чил рӯз майлаш [13: 5222-5239].

Тавре ки маълум аст, ҳамин ҷиҳати маросими мотам то ба имрӯз дар тамоми минтақаҳои кишвари мо маъмул аст, яъне мардум ба хотири пос доштани рӯҳи маит ва эҳтироми ӯ то пурра шудани сол азо медоранд, либоси мотамӣ ба бар мекунанд, ба тӯю тамошо намераванд. Ба хусус занҳо бо марди дигар хонадор намешаванд. Аз ин маълум мегардад, ки русумҳои ин маросим то имрӯз ба шаклу тарзҳои гуногун ё тағйирёфта нигоҳ дошта шудааст.

Дар миёни маводи зери дасти мо афсонаҳое вомехӯранд, ки дар онҳо маросими мотам ба тариқи рамз ифода ёфтаанд. Барои мисол афсонаи тамсилии «Кайкак» - ро аз назар мегузаронем:

Будас, набудас, як кайкаку як шабушак будас. Шабушак яг рӯз мурдас, кайкак рӯкан, мӯкану азодор шудас.

Ҳавлӣ кайкак-ба як дарахти бед будас. Ҳамун дарахт-ба акка омада шиштасу ак кайкак пурсидас:

-Кайкак, кайкак, ҳар рӯз меомадам, дуруст будию имрӯз чува ин қадар рӯкану мӯкан, куртаҳои сиё пӯшидӣ?

-Ҳа, шубушак мурдас, кайкак рӯкану мӯкану азодор-дия!

-Ин хел бошад, акки паррехта-дия, - гуфта ҳамма параша резондас. Сонӣ шохи бед-ба шиштанаш-ба бед гуфтас:

-Акка, акка, ҳар рӯз меомадӣ дупа-дуруст будию имрӯз чӣ бало зад туя, ки ҳама паррота резондӣ?

Акка гуфтас:

-Ҳа, шубушак мурдас, кайкак рӯкану мӯкан, азодор, ман аккаи паррехта-дия!

-Ин хел бошад ман беди баргрехта-дия, - гуфта ҳами баргаша резондас…

…Ҳамин хел буз, об, арзан, бобои деҳқону канизакаш, бибии каниз, ҳамсояи мехчагар бо занаш ҳамаи ино барои як шабушак азодор шудиян [12: 31].

Чуноне, ки аз ин мисол бармеояд, мардуми тоҷик дар чунин мавридҳо мотамдоронро танҳо намегузоранд. Дӯстон, ҳамсояҳо ва хешу табори наздик ба дидорбиниву дилбардории онҳо омада, изҳори ҳамдардӣ намуда, ғамшарики онҳо мешаванд. Ва гӯянда маҳз ана ҳамин урфу одатҳои аз қадим меросмондаи мардуми моро дар ин афсона ба тариқи рамз ба воситаи образҳои дарахти бед, акка, буз, об, арзан, бобои деҳқону канизакаш, бибии каниз, ҳамсояи мехчагар бо занаш ва ғайраҳо нақл кардааст.

Хулоса, эҷодиёти даҳанакӣ, ки ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, афкор ва орзую умедҳои онҳоро дар шароитҳои муайяни таърихӣ ба таври бадеӣ инъикос ва ифода намуда, то замони мо омада расидааст, боигарии муҳими фарҳангиро дар бар мегирад ва дар ҳаёти маънавии мардум нақш ва мавқеи калон дорад.

Дар ин мақола мо дар асоси китобҳои илмӣ ва маводи дар Фонди фолклори тоҷик гирдомада кӯшиш намудем, ки то қадри имкон мавқеи унсурҳои маросими мотам ва афсона дар ҳаёти маънавии мардум таъин ва муқарар гардад. Дар асоси ин маводи арзишманд мо метавонем минбаъд татқиқоти мукаммалеро оид ба ин масъала ба анҷом расонем.

**Адабиёт**


1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб / Амонов Р. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963, 346с.
2. Амонов Р. Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон / Амонов Р. Сталинобод, 1960. 417с.
3. Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик / Амонов Р. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963, 244 с.
4. Амонов Р. Фолклори диёри Рӯдакӣ / Амонов Р. Сталинобод, 1958. 302 с.
5. Амонов Р., Обидов Д. Афсонаҳои тоҷикӣ / Амонов Р., Обидов Д. Душанбе: Дониш, 2008, 432 с.
6. Маъсумӣ Н. Фолклори тоҷик. (Курси конспективӣ оид ба фолклори тоҷик) / Маъсумӣ Н. Нашри 2. Душанбе: 2005. 142с.

7. Мардонова А. Ганҷинаи фолклори тоҷик/ Мардонова А. / Маҷмӯи мақолаҳо / Душанбе, 1964, 130 с.
8. Охониёзов В. Масъалаҳои фолклоршиносии тоҷик / Охониёзов В. /Маҷмӯи мақолот/китоби дуюм, Душанбе, 1999. 86 с.
9. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик / Раҳимов Д. Душанбе: Эҷод, 2009, 262 с.
10. Рабиев Ҷ. Афсонаҳои Ӯротеппа / Рабиев Ҷ. Душанбе: Дониш, 1992, 350 с.
11. Ф. Ф. Х. Панҷрӯд, 1956, гӯянда: Латифов З, навиштагиранда: Холов М. №7269-7282.
12. Ф. Ф. Х. Колхозчиён, 1956, гӯянда: Зоҳидов Н., навиштагиранда: Холов М. №7324-7334.
13. Ф. Ф. Т. Норак, 1961. навиштагиранда: Р. Аҳмадов, гӯянда: Шарифов Ҷорӯб с/т 1942, 5222-5239
14. Шермуҳамадов Б. Афсонаҳои Самарқанд / Шермуҳамадов Б.. Душанбе-1965. 295 с.

**АБДУЛЛОЕВ А.**

## ОТРАЖЕНИЕ ТРАУРНЫХ РИТУАЛОВ И ОБРЯДОВ В ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ СКАЗКАХ

Статья посвящена отражению траурных ритуалов, обрядов и поверий в таджикских народных сказках. В результате исследований данной темы автором выявлено, что сказки являются вымышленным художественным устным текстом, поэтому элементы траурных ритуалов и поверий в них встречаются редко и описываются коротко. Траурные моменты и элементы наблюдаются, в основном в бытовых сказках, которые по сути ближе к действительности.
**Ключевые слова:** таджикский фольклор, сказка, траур, ритуал, обряд, изображение.

**ABDULLOEV A.**

## THE ELEMENTS OF MOURNING IN TAJIK STORIES

The article is devoted to the reflection of the funeral rites, rituals and beliefs in the Tajik folktales. The study of the topic by the author revealed that the tales are fictional artistic texts, so the elements of the mourning rituals and beliefs in them are rare and are described briefly. Funeral moments and elements are observed, mainly in the household tales that are in fact closer to reality.
**Keywords**: Tajik folklore, folktale, mourning, ritual, ceremony, image.